**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллозода Наджибуллои Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот).

1. Мавзуъ, мазмун, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Абдуллозода Наджибуллои Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шурои 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба раванди таълим яке аз хусусиятҳои рушди маориф дар шароити муосир маҳсуб ёфта, маҳз истифодаи онҳо омили муҳими рушди давлату ҷомеа ва беҳтар шудани сифати таълим баррасӣ карда мешавад. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим ба ташаккули салоҳиятҳои насли наврас аз ҳама бештар мусоидат менамояд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба хонандагон имконият медиҳад, ки тафаккури эҷодии худро тақвият диҳанд, корҳои мустақилонаро бо сифати баланд иҷро намоянд ва умуман фаъолияти таълимии худро самаранок гардонанд. Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим ташаккули салоҳиятҳои мухталифи хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотї-коммуникатсионї ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

2. Муҳтавои диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда - 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз он ҷумла: ба банди 1 – «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ»

(ҷанбаҳои таҳқиқот дар рушд ва таҳкими илми педагогика, боҳамалоқамандӣ ва татбиқи назариявии онҳо, усулҳои таҳқиқотии педагогӣ), ба банди 2 – «Консепсияи тарбия» (сатҳу сифати тарбия ва технологияҳои амалисозии он, равандҳои навоварона дар тарбияи насли наврас), ба банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои/шароитҳои/рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;) ва ба банди 4 - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқ буда, ба самти афзалиятноки илм педагогика дар ҷумҳурӣ – ҳамгиройии арзишҳои миллӣ ва афкори педагогии мутаффаккирони тоҷику форс ба мазмуни таҳсилот - мутобиқат мекунад.

3. Қобили зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои татқиқотии унвонҷӯй Абдуллозода Наджибуллои Сайфулло дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогика ва конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф муҳокима ва мавриди тасвиб қарор дода шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 8 интишороти муаллиф, ки 5 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Абдуллозода Наджибуллои Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Назаров Аҳтам Пулотович – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Рафиев Сафархон Аюбович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абубабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод карда шавад.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Абдуллозода Наджибуллои Сайфуллоро дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Наджибуллои Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Назаров Аҳтам Пулотович – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- Рафиев Сафархон Аюбович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абубабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ Иматзода Л.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ Шербоев С.

номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.

29.05.2025

*"Имзои Л. Иматзода, С. Шербоев ва С. Туроновро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*